# САРСУХАН

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тарбия намудани мутахассисони ояндаи идоракунии корхонаҳо зарурияти таълими фанни «Таҳияи бизнес-нақша» ба миён омадааст.

Яке аз воситаҳои муҳими ҳосил кардани дониш ва малакаи банақшагирӣ таҳия сохтани бизнес-нақша ба шумор меравад. Бизнес-нақша воситаи махсуси идоракунӣ буда, амалан дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти бозоргонии муосир новобаста ба соҳаву миқёси фаъолияти корхона, шакли моликият, васеъ истифода бурда мешавад.

Бизнес-нақша барои нишон додани даромаднокии лоиҳаи пешниҳодшуда ва ҷалб намудани шарикони эҳтимолии молиявӣ ва сармоягузорон имконият медиҳад. Бизнес-нақша сармоягузоронро бовар мекунонад, ки корхона барномаи самаранок, ҳақиқӣ ва мунтазами иҷрои мақсад ва вазифаҳои лоиҳаро дорад. Сармоягузор танҳо ба он лоиҳае маблағи худро мегузорад, ки имкони ба таври кофӣ ба даст овардани фоидаи заруриро кафолат медиҳад.

Бизнес-нақшаи таҳияшуда метавонад сармоягузоронро ба мавҷудияти имкониятҳои ҷолиб барои рушди истеҳсолот, барои татбиқи самараноки барномаҳои воқеӣ ва муттасиле, ки корхона барои татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои дар лоиҳа муайян кардааст, итминон бахшад.

Китоби дарсӣ аз фанни таҳияи  бизнес-нақша дар асоси таҷрибаи тадриси чандинсолаи ин фан дар донишкада аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст. Китоби дарсии пешниҳодшуда дар 14 боб, ки  аз лексияҳо, санҷиш ва масъалаҳо барои кори мустақилона иборатанд, пешниҳод карда шудааст.

Китоби дарсӣ аз фанни «Таҳияи бизнес-нақша» имконият медиҳад, ки мутахассисони баландихтисос барои корхонаҳои саноатӣ тайёр карда шаванд.

Ҳангоми таҳияи китоби дарсӣ аз фанни «Таҳияи бизнес–нақша» дар асоси баррасии адабиёти махсус маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ

карда шуд, ки мувофиқи бобҳои алоҳида ҷамъбаст ва ба низом даровардa шудаанд.

Ҳар як бахш дорои хусусиятҳо ва ҳисобҳои фарққунандаи таҳияи нақша-бизнес барои лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад.

Таркиби бахшҳои бизнес-нақша ва дараҷаи тафсилоти он ба миқёси лоиҳаи сармоягузорӣ ва соҳаи тиҷорате, ки ба он тааллуқ дорад, вобаста аст.

Умедворем, ки китоби дарсии пешниҳодшаванда то андозае дастрасии донишҷӯёни факултетҳои иқтисодии донишгоҳу донишкадаҳои дар низоми кредитӣ таҳсилкунандаро бо маводи зарурӣ аз фанни таълимии номбурда таъмин намуда, боиси баландшавии савияи дониши донишҷӯён мегардад, ҳамчунин барои доираи васеи хонандагони соҳаи иқтисодиёт судманд бошад.